# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D. КОА- 004 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИИ ДОКТОРИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ

Парвандаи аттестатсиониии №

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 20 – уми сентябри соли 2025, №59

Барои сазовор донистани Одиназода Комрон Саидаброр, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)).

Диссертатсияи Одиназода Комрон Саидаброр дар мавзуи «Такмили танзими давлатии бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) санаи 17- уми майи соли 2025, қарори № 54/1аз тарафи шурои диссертатсионии 6D. КОА-004 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2021 таҳти №350 ташкил гардидааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Одиназода Комрон Саидаброр 16 - уми марти соли 1990, дар шаҳри Кӯлоб таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, миллаташ тоҷик.

Одиназода Комрон Саидаброр соли 2007 ба шуъбаи рӯзонаи факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ дохил шуда, онро соли 2012 аз рӯйи ихтисоси «Менеҷмент» хатм намудааст.

Соли 2019 рисолаи номзадии худро дар мавзуи «Асосҳои назариявии равандҳои муосири муҳоҷирати меҳнатӣ» (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон), зери роҳбарии илмии д.и.и., профессор Усманова Т.Ҷ., н.и.и., дотсент Комилов А.Қ. дар шурои диссертатсионии 6D. КОА - 004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳимоя намуда, соҳиби дипломи номзади илмҳои иқтисодӣ гардидааст.

Фаъолияти меҳнатии худро соли 2012 аз вазифаҳои гуногун оғоз намудааст.

Аз соли 2020 то соли 2023 докторанти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон буд.

Айни ҳол мудири кафедраи соҳибкорӣ ва иқтисодиёти соҳавии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

**Мушовири илмӣ:**

**Асрорзода Убайдулло Саттор** - доктор илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Қодирзода Диловар Бахридин** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Ҷонмамадов Щермамад Бекмамадович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Ғоибназарзода Саид Муҳаммадназар** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** - Муассисаи давлатии “Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии”-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (734026, ш. Душанбе, кӯчаи Ҳувайдуллоев, 270 “А”) дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби ташхисгар доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ашуров Суҳбониддин Бурҳонович, омода карда шуда, дар ҷаласаи Шурои илмии Муассисаи Давлатии “Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ”-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №4 аз 4 июли 2025, муҳокима гардида, аз ҷониби Директори Муассисаи Давлатии “Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ”-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадбекзода Моёншо Шодмон 07.07.2025 тасдиқ карда шудааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки таҳқиқоти диссертатсонии Одиназода Комрон Саидаброр дар мавзуи «Такмили танзими давлатии бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) пешниҳод шудааст, ба бандҳои 32, 33, 34, 35 ва 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) тасдиқшуда ҷавобгӯ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаи мубрами илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Одиназода

Комрон Саидаброр сазовори дарачаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси: 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 - Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти банди 76-79 ва 81-и Тартиби додани дарачаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон №267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Муҳимияти амалии таҳқиқот дар коркарди тавсияҳо оид ба такмили танзими давлатии бозори меҳнат дар алоқаманди бо равандҳои муҳоҷират асос меёбад. Диссертатсияи таҳқиқшаванда, ҷанбаҳои асосноккардашудаи илмӣ ва хулосаву тавсияҳоро доро буда, ба шиноснома аз руйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 - Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) мувофиқат мекунад ва муаллифи он Одиназода Комрон Саидаброр сазовори дарачаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси: 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 - Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) мебошад.

Аз рӯйи маводи диссертатсия 51 кори илмӣ, аз он ҷумла 3 монография ва 23 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудааст.

**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ**

**А) монографияҳо:**

1. Одиназода К.С., Асрорзода У.С. Асосҳои назариявии танзими бозори меҳнат ва муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: монография / К. С. Одиназода, У.С. Асрорзода – Душанбе: «ДМТ», 2022. - 162 С. ISSN 987-99975 – 354 -4 – 3.
2. Одиназода К.С., Усманова Т. Дж. Ҷанбаҳои институтсионалии танзими бозори меҳнат ва муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: монография / К.С.Одиназода, Т. Дж. Усманова – Душанбе: «ДМТ», 2021. - 148 С. ISSN 987-99975 – 354 -4 – 3.
3. Одинаев К.С., Комилов А.Қ. Равандҳои муосири муҳоҷирати меҳнатӣ: назария ва амалия [Матн]: монография / К. С. Одиназода, А.Қ. Комилов.– Душанбе: «Контраст», 2019. – 192 С. ISSN 987-99975 – 77 -09 – 2.

**Б) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст:**

4. Одиназода К.С. Такмили консепсияҳои назариявӣ ва амалии танзими муҳоҷирати зеҳнӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / К.С. Одиназода // Паёми Донишгоҳои давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе - 2024, №1. (51) С. 255-263.

5. Одиназода К.С. Сабабҳои асосии тараққӣ наёфтан, боҳамалоқамандии байни бозори расмӣ ва ғайрирасмии меҳнат [Матн] / К.С. Одиназода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе - 2022, №1. (40). С. 71-83.

6. Одиназода К.С. Модели таъмини ҳолати мувозинатӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / К.С. Одиназода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе-2022, №2. С. 171-183.

7. Одиназода К.С. Таҷрибаи хориҷии омезиши усулҳои бозорӣ ва давлатии танзими бозори меҳнат [Матн] / К.С. Одиназода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе - 2021, №4/2 (39). С. 16-25.

8. Одиназода К.С., Усманова Т. Дж. Таҳаввулоти консепсияҳои алоқамандии усулҳои давлатӣ ва бозории танзими бозори меҳнат [Матн] / К.С. Одиназода., Т. Дж. Усманова. – Матн: бевосита // Паёми Донишгоҳи Технологии Тоҷикистон. - Душанбе - 2021, №3.(46). С. 230 - 238.

9. Одиназода К.С. Асосҳои институтсионалии танзими давлатию бозории бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / К.С. Одиназода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе-2021, №7. С. 185 – 193.

10. Одиназода К.С., Давлатова Қ.О. Баҳодиҳии вазъи муосири бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / К.С. Одиназода, Қ.О. Давлатова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе - 2021, №3. (37). С. 133 - 142.

11. Одиназода К.С., Ҷурахонзода Б.Б. Асосҳои методологии таҳқиқи бозори меҳнат [Матн] / К.С. Одиназода., Б.Б.Ҷурахонзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе-2021, №4. С. 97 - 104.

12. Одиназода К.С., Асрорзода У.С. Самтҳои асосии танзими давлати бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. / К.С. Одиназода., У.С. Асрорзода. – Матн: // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе - 2021, №4/1 (38). С. 28 - 37.

13. Одиназода К.С. Самтҳои асосии таъмини мутавозинии арза ва тақозо ба захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / К.С. Одиназода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе - 2021, №3 (37). С. 191 - 196.

14. Одиназода К.С. Муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилот, вазъ ва тамоюли рушди он [Матн] / К.С. Одиназода // Паёми Донишгоҳи Технологии Тоҷикистон. - Душанбе - 2021, №2. (45). С. 214 - 223.

15. Одиназода К.С. Омилҳои асоси коҳиши раванди муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистон [Матн] / К.С. Одиназода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе - 2021, №2. (36). С. 126 - 133.

16. Одиназода К.С. Саноаткунонии иктисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири он ба самтивазкунии муҳоҷирати меҳнатӣ [Матн] / К.С.

Одиназода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе - 2021, №1. (35). С. 36 - 41.

17. Одиназода К.С. Механизми таъсири давлат ба равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / К.С. Одиназода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе-2020, №9. С. 211 - 216.

18. Одиназода К.С. Таҳқиқи омилҳо ва сабабҳои иҷтимоӣ – иқтисодии муҳоҷирати меҳнатии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / К.С. Одиназода // Паёми Донишгоҳои давлати тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе-2020, №2. (31). С. 125-131.

19. Одиназода К.С., Рустамов Р.У. Роҳҳои беҳтар намудани шароити имконпазири неруи меҳнатӣ, шуғл ва муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳошияи таҷрибаи хориҷӣ [Матн] / К.С. Одиназода., Р.У. Рустамов // Паёми Донишгоҳи давлати тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе-2020, №1. (30). С. 101-109.

20. Одиназода К.С. Роҳҳои асосии мукаммалгардонии идоракунии муҳоҷирати аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳошияи таҷрибаи хориҷӣ [Матн] / К.С. Одиназода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе-2020, №7. С. 135 - 142.

21. Одинаев К.С., Комилов А.Қ. Иртиботи мутақобилаи интиқоли пулии муҳоҷирон ва рушди устворн иқтисодӣ [Матн] / К.С. Одинаев., А.Қ. Комилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе-2018, №4. С. 90-96.

22. Одинаев К.С. Таъсири маблағҳои пулии интиқолнамудаи муҳоҷирони меҳнатӣ ба иқтисодиёти кишвар [Матн] / К.С. Одинаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе -2018, № 2. С. 72-76.

23. Одинаев К.С. Коҳиш гардидани интиқоли маблағҳои пулии муҳоҷирони меҳнатӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти миллӣ [Матн] / К.С. Одинаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе- 2017, № 2/9. С. 193-196.

24. Одинаев К.С. Таъсири муҳоҷирати баргаштаомада ба иқтисодиёти кишвар [Матн] / К.С. Одинаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе-2017, № 2/6. С. 65-68.

25. Одинаев К.С. Хусусиятҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / К.С. Одинаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе-2015, 2/3 (165). С. 51-55.

26. Одинаев К.С. Интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва нақши он дар баланд гардидани сахти зиндагонии аҳолӣ [Матн] / К.С. Одинаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе -2015 - 2/4 (169). С. 76 - 79.

**В) Мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмуи маводҳои конфренсия:**

27. Одиназода К.С. Масоили муҳоҷирати меҳнатӣ ва таъсири он ба иктисодиёт ва иҷтимоёти мамлакат [Матн] / К.С. Одиназода // Маводи конфронси байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “ Муаммоҳо ва дурнамои инкишофи савдои берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат” (31 –уми майи соли 2024). - Душанбе -2024. С. 250-252.
28. Одиназода К.С. Танзими гардиши муҳоҷирати зеҳнии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кишвар [Матн] / К.С. Одиназода // Маводи конференсияи илмӣ- амалии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (25-26 апрели соли 2024). - Душанбе -2024. С. 451-460.
29. Одиназода К.С. Роҳҳои асосии танзими давлатии бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / К.С. Одиназода // Маводи конференсияи байналмиилалии илмӣ- назриявӣ дар мавзуи “Рушди низоми бонкӣ ва рақамикунонии бахши молиявӣ” (19-20.12.2023).- Кӯлоб 2023. - С. 577 – 583.
30. Одиназода К.С. Современное состояние и тенденции развития трудовой миграции в Республике Таджикистан [Текст] / К.С. Одиназода // Сборник статей XXII международной научно – практической конференции состовшейся 15 апреля 2023. - Г.В.Пенза. - С. 147- 151.
31. Одиназода К.С. Сабабҳои рушд наёфтан, бо ҳам алоқамандии байни бозори расмӣ ва ғайрирасмии меҳнат [Матн] / К.С. Одиназода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пандемияи коронавирус (COVID-19)” (11 декабри соли 2021. -. Кӯлоб - С. 358 – 363.
32. Одиназода К.С. Асосҳои консепсияҳои усулҳои давлатӣ ва бозорӣи танзими бозори меҳнат [Матн] / К.С. Одиназода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” (18 декабри соли 2021). – Душанбе - С. 152 – 158.
33. Одиназода К.С., Асрорзода У.С. Таъмини мутавозинии арза ва тақозо ба захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / К.С. Одиназода. У.С. Асрорзода // Маводи конферонси илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Масъалаҳои канорӣ барои баъзе синфҳои муодилаҳои дифференсиалӣ” (4 – уми декабр соли 2021). - Душанбе - С. 130-135.
34. Одиназода К.С., Асрорзода У.С. Ҷанбаҳои институтсионалии механизми танзими давлатию бозории бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ [Матн] / К.С. Одиназода., У.С. Асрорзода // Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Самтҳои муосири татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар рақамикунонии таҳсилот, илм ва истеҳсолоти саноатӣ», (27 ноябри соли 2021). – Душанбе - С. 18-30.
35. Одиназода К.С. Вазъи баҳодиҳии муосири бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / К.С. Одиназода // Маводи конфронси илмӣ-амалии Ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун омили рушди босуръати иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар саноат» бахшида ба муносибати 30-умин солагарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. (27 ноябри соли 2021). С. 63-68.

36. Одиназода К.С. Механизми инноватсионии таъмини ҳолати мувозинатӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / К.С. Одиназода // Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Муаммоҳои рушди иқтисоди миллӣ дар шароити ҷаҳони пасокоронавирусӣ». - Душанбе -2021. С. 103-109.
37. Одиназода К.С. Самтҳои асосии идоракунии муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / К.С. Одиназода // Маводи конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Методҳои омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ – иртиботӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касби”. – Душанбе - 2021. С. 134 – 137.
38. Одиназода К.С. Самтҳо ва роҳҳои коҳиш додани муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / К.С. Одиназода // Маводи конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Методҳои омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ – иртиботӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ”. - Душанбе - 2021. С. 131-134.
39. Одиназода К.С. Заминаҳои объективии муҳоҷирати меҳнатӣ [Матн] / К.С. Одиназода // Маводи конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Такмили муносибатҳои молиявӣ – қарзӣ дар рушди иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон”. - Душанбе - 2020. С. 131-134.
40. Одиназода К.С. Некоторые проблемы миграции в Республике Таджикистан. / К.С. Одиназода.– Текст: материалы // республиканской научно – практической конференции на тему «Региональная интеграция как фактор производстенного предпринима – тельства в Республике Таджикистан». - Душанбе – 2020. С. 143-147.
41. Одиназода К.С. Саноаткунонии босуръати кишвар ва таъсири он ба муҳоҷирати меҳнатӣ [Матн] / К.С. Одиназода // Маводи конференсияи илмӣ–амалии Ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Саноаткунони босуръат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳадафҳо ва тамоюл”. – Душанбе - 2020. С. 18-25.
42. Одиназода К.С. Социально – экономические аспекты регулирования занятости в трудоизбыточном регионе [Текст] / К.С. Одинаев // Республиканская научно – практическую конференция на тему Государственное регулирование обеспечения ускоренной индустриализации в Республика Таджикистан.- Душанбе - 2020. С. 50 – 55.
43. Одинаев К.С. Мотивы и факторы трудовой миграции населения [Текст] / К.С. Одинаев // Материалы международной научно-практической конференции на тему «Подготовка кадров с целью устойчивого развития туризма в Республике Таджикистан». – Душанбе - 2020 С. 292-299.
44. Одинаев К.С. Socio-economic aspects of regulation employment in the labor surplus region [Text] / K.S. Odinaev //Materials of international scientific-practical conference on the topic «Training for the Sustainable Development of Tourism in Republic of Tajikistan”. – Dushanbt - 2020. S. 318-323.
45. Одинаев К.С. Ҷанбаҳои назариявӣ-методологии таҳқиқи муҳоҷирати меҳнатӣ [Матн] / К.С. Одинаев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Танзими андозию буҷетии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир». - Душанбе, - 2019. С. 123-126.

46. Одинаев, К.С. Сабаби пайдоиши муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ [Матн] / К.С. Одинаев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Тоҷикистон ва бозори ҷаҳонии қоғазҳои қиматнок: замина ва имкониятҳои иштирок. - Душанбе – 2018. С. 169-171.

47. Одинаев К.С. Масъалаи ҷойгиркунонии муҳоҷирони гаштаомада дар бозори меҳнати дохилӣ [Матн] / К.С. Одинаев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Нақш ва аҳамияти сармоягузорӣ дар рушди иқтисоди миллӣ». – Кӯлоб - 2016. С. 421-425.

48. Одинаев К.С. Самаранок истифода намудани маблағҳои интиқолнамудаи муҳоҷирон ҳамчун роҳи баланд бардоштани некуаҳволии оила [Матн] / К.С. Одинаев // Маводҳои конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Рушди иқтисодии Тоҷикистон ҳамчун омили баландшавии некуаҳоли аҳолӣ». – Душанбе - 2016. С. 185-190.

49. Одинаев К.С. Раванди муҳоҷират меҳнати ва паёмадҳои он [Матн] / К.С. Одинаев // Маҷмуи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии устодон ва донишҷӯёни ДИМТ бахшида ба 25-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе - 2016. С. 92-93.

50. Одинаев К.С. Таъсири раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ба тарбияи ҷавонон [Матн] / К.С. Одинаев // Маҷмуи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии устодон ва донишҷӯёни ДИМТ бахшида ба 25-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе - 2016. С. 87-88.

51. Одинаев К.С. Таъсири раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ба масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ [Матн] / К.С. Одинаев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «700-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ», бахшида ба «Соли оила» ва даҳсолаи байналмилалии амалиёти «об барои ҳаёт солҳои 2005-2015». - Душанбе - 2015. С. 233 - 234.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд аз ҷумла:**

**1. Газибеков С.А.** – докторои илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги МДТ Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд, бо чунин эродҳо:

- Агар муаллиф ба масъалаҳои институтсионалии танзими бозори меҳнат ва идоракунии раванди муҳоҷирати меҳнатӣ таваҷҷуҳ менамуд сифати кори илмӣ беҳтар мегардид;

- Танзими бозори ғайрирасмии меҳнат хеле мушкил мебошад, зеро маълумоти дақиқ оид ба аҳолии ғайрирасмӣ фаъолияткунанда вуҷуд надорад, аммо муаллиф дар расми 2 ин масъаларо баррасӣ намудааст, ки асосноккунии иловагиро тақозо менамояд.

**2. Мирзоалиев А.А.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, бо чунин эродҳо:

- Ҳангоми таҳлили вазъи муосири бозори меҳнатӣ ҷумҳурӣ дар асоси

таҳлили нишондиҳандаҳои шуғл, бекорӣ ва омилҳои иҷтимоию иқтисодии таъсиррасон диссертант бо истифода аз маълумотҳои зиёди оморӣ диаграммаҳо ва ҷадвалҳоро таҳия карда, қиёс намудааст, лекин сабабҳои афзоиш ва камшави ин нишондиҳандаҳо норавшан боқӣ монда аст;

- Хуб мебуд дар автореферати мазкур доир ба муҳоҷирзанҳои баргашта ва дастгирии онҳо дар кишвар маълумотҳои зарурӣ меовард.

**3. Ризозода Т.Р.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмиллалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, бо чунин эродҳо:

- Дар автореферати диссертатсия ба масъалаҳои назариявии таҳқиқи бозори меҳнат, захираҳои меҳнатӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст, аммо муҳоҷирати меҳнатӣ аз нигоҳи назариявӣ камтар таҳлил карда шудааст;

- Дар автореферати диссертатсия оид ба фаъолияти муҳоҷирони баргашта ва ё депортшуда хулосаю тавсияҳо оварда нашудааст.

**4. Сафаров Б.Г.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, бо чунин эродҳо:

- Дар қисмати назариявии автореферат вобаста ба масъалаи барасишаванда нуқтаи назари илмии олимони зиёди хориҷӣ ва ватанӣ хуб инъикос гардидааст, аммо нуқтаи назари мунаққидонаи муаллиф оид ба назари онҳо кам ба мушоҳида мерасад. Ҳамзамон, ихтилофи назари муаллиф дида намешавад;

- Дар автореферати диссертатсия бисёр бамаврид мебуд роҷеъ ба интиқоли пулии муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳаҷми як ҷадвал ё диаграмма таҳлилҳо гузаронида мешуд.

**5. Қурбонзода М.Р.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори МДТ Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, бо чунин эродҳо:

- Беҳтар мешуд агар муаллиф дар раванди таҳияи кори худ бозори меҳнати дохилиро ба таври васеътар таҳлил менамуд, ҷанбаҳои манфӣ ва мусбии танзими бозори меҳнатиро муайян карда пешниҳодҳои худро пешкаш менамуд;

- Хуб мешуд, дар оянда масъалаҳои татбиқи шаклҳои муосири танзими бозори меҳнатии пешқадами ҷаҳониро васеътар баррасӣ менамуд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ ва бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаи такмили танзими давлатии бозори меҳнат дар алоқаманди бо равандҳои муҳоҷират, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ва аҳаммияти илмию назариявии

диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи тақриздиҳанда** бо он асоснок карда шудааст, ки Муассисаи давлатии “Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии”-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти илмии дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***коркард карда шуд*:** асосҳои назариявии танзими давлатии бозори меҳнат бо дарназардошти таҳаввулоти таърихӣ ва такомули консепсияҳои муосири ҳамгироии усулҳои давлатӣ ва бозорӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар заминаи ин таҳлил таърифи муаллифии танзими давлатии бозори меҳнат ҳамчун низоми институтсионалӣ ва иқтисодии ҳамоҳангсози манфиатҳои ҷомеа, давлат ва бозор **пешниҳод** гардидааст

- ***пешниҳод шудааст:*** тавсияҳои илмию методӣ оид ба мукаммалгардонии танзими бозори меҳнат, назарияи шуғл, назарияи танзими муҳоҷират ва тараққиёти иқтисодӣ пешниҳод карда шуда шудаанд.

– ***исбот шудааст:*** динамикаи ташаккулёбии арза ва тақозо дар бозори меҳнат дар шароити барзиёдии қувваи корӣ таҳқиқ шуда, сабабҳои номувофиқати назаррас байни арза ва тақозои қувваи корӣ ошкор шуда, зарурияти шуғли фарогир асоснок карда шудааст;

– ***асоснок карда шудааст,*** бо дарназардошти омӯзиши таҷрибаи пешрафтаи кишварҳои хориҷӣ дар соҳаи танзими давлатии бозори меҳнат, модели мутобиқати он дар шароити равандҳои афзоишёбандаи муҳоҷират таҳия ва пешниҳод гардида, хусусиятҳои мутобиқсозии сиёсати меҳнат ба шароити миллӣ дар он инъикос ёфтаанд;

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо инҳо асоснок карда шудааст:**

- ***исбот карда шудааст,*** ки дар илмҳои иқтисодиёти ватанӣ то кунун атрофи масоили такмили танзимии давлатии танзими бозори меҳнат дар алоқаманди бо равандҳои муҳоҷират аз ҷиҳати назариявӣ, методологӣ ва амалӣ таҳқиқоти мукамал анҷом дода нашудааст. Дар диссертатсияи мазкур барои ташаккули асосҳои назариявӣ ва методологии танзими давлатии бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират вобаста ба дигаргуниҳои бавуҷудомада ва иқтисодиёти рақамӣ коркардҳои муаллифӣ пешниҳод карда шудаанд;

- ***усулҳои таҳқиқот.*** Барои ҳалли масоил дар таҳқиқоти диссертатсонӣ усулҳои гуногуни илмӣ, аз қабили усули омӯзиши омилҳо, усули системавию сохторӣ, минтиқиву таҳлилӣ, анкетагузаронӣ, экспертӣ- таҳлил, иқтисодӣ –

риёзӣ, иҷтимоӣ, таносуби хусусиятҳои миқдорию сифатӣ, арзёбии мунтазами миқдорӣ, инчунин усули коррелятсионӣ- регрессионӣ истифода шудаанд;

- ***баён шудани*** равишҳои методологии такмили танзимии давлатии бозори меҳнат дар равандҳои муҳоҷират истифодаи усулҳои арзёбии сифатии он баррасӣ гардид. Дар диссертатсия асоснок гардидааст, ки маҷмуи донишҳои муосир, қобилият, малака ва таҷрибаи андӯхташуда, натанҳо омили бавуҷудовар, балки танзими давлатии бозори меҳнат дониста мешавад. Маълумотнокӣ ҳамчун ҷузъи танзими бозори меҳнат дониста шуда, хусусиятҳои хоси он пешниҳод карда шуданд. Ҳамзамон, қайд гардидааст, ки аз худ намудани донишҳои муосир боиси боз ҳам саҳеҳтар гардидани нақши танзими давлати бозори меҳнат дар равандҳои муҳоҷират дар рушди иқтисодиёт мегардад;

- ***ошкор карда шудааст,*** ки таҳсилоти олии касби ва касбомӯзии аҳолӣ ҳамчун асоси рушди бозори меҳнат ва таъмин намудани аҳолӣ бо ҷойи кор дар раванди муҳоҷирати меҳнати мебошад;

- ***омӯзиши*** вазъи муосири бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз усулҳои таҳлили муосири иқтисодӣ ва арзёбии институтсионалӣ таҳқиқ шуда, мухолифат ва зиддиятҳое, ки ба ташаккул ва рушди шуғли самаранок ва устувор монеа эҷод мекунанд, ошкор гардида, замина барои пешниҳоди тадбирҳои ислоҳотӣ фароҳам оварда шудааст;

- ***аз нав такмил додани*** механизми танзими давлатии бозори меҳнат бо назардошти раванди муҳоҷирати меҳнатии байналмилалӣ пешниҳод карда шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:**

- ***аҳамияти амалии*** таҳқиқоти анҷомшуда дар он аст, ки натиҷаҳои бадастовардаи муаллифро муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳангоми асоснокунии танзимии давлатии бозори меҳнат дар равандҳои муҳоҷират метавонанд истифода баранд. Дар баробари ин, тавсияҳои мушаххаси аҳаммияти амалидоштаи таҳқиқотро ҳангоми таҳияи барномаҳо, лоиҳаҳо ва нақшаҳои стратегии танзими бозори меҳнат ва равандҳои муҳоҷират дар сохторҳои дахлдори соҳа метавонад истифода бурд;

- ***натиҷаҳои таҳқиқотии*** методологию назариявии гузаронидашуда, ки аҳаммияти амалӣ доранд, ба такмили шаклу усулҳои танзими бозори меҳнат дар раванди муҳоҷират мусоидат менамояд;

- ***коркард ва ҷорӣ карда шуд:*** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсонӣ дар тадриси фанҳои Донишгоҳи байналмилалии саёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (маълумотномаи №02/45 аз 20.08.2024) ва

фаъолияти амалии Муассисаи давлатии “Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии”-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумотномаи №3-1402 аз 26.09.2024) истифода шудаанд;

- *муайян карда шуд*, ки омӯзишу аз худ намудани таҷрибаи хориҷӣ оид ба танзими давлати бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират яке аз меъёрҳои иҷрои корҳои таҳқиқотӣ ба ҳисоб меравад. Таҷрибаи давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки танзими давлатии бозори меҳнат яке аз масъалаҳои муҳими давлатӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин дар диссертатсия пешниҳод карда шудааст, ки таҷрибаи давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон дар самти танзими бозори меҳнат ва равандҳои муҳоҷират аз худ карда шудааст, истифодаи онҳо дар танзими давлати бозори меҳнат ва равандҳои муҳоҷират мусоидат хоҳад намуд;

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки:**

- ***назарияи таҳқиқ*** дар заминаи муқаррароти назариявию консептуалии эътирофшудаи илми иқтисодӣ дар самти такмили танзими давлатии бозори меҳнат ва равандҳои муҳоҷират, унсурҳои асосӣ ва рушду ташаккул додани он аз рӯйи методология ва асарҳои олимони иқтисодшинос, аз ҷумла иқтисодчиёни хориҷию ватании соҳаи танзими давлатии бозори меҳнат, ки таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни он машғул шудаанд, ташаккул ёфтааст.
- ***ғояи таҳқиқот*** дар асоси санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарчашмаҳои илмии иқтисодии гуногун, Паёмҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти расмии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумот аз сарчашмаҳои омори байналмилалӣ, маълумоти оморӣ ва иттилоотии созмонҳои байналмилалӣ, захираҳои иттилоотии шабакаи интернет, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, ки дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон оид ба такмили танзими бозори меҳнат ва муҳоҷират анҷом додашуда ва мушоҳидаҳои шахсии муаллиф **асоснок шудааст**;
- ***аслият ва навгониҳои натиҷаҳои таҳқиқот*** оид ба такмили танзими давлатии бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират бо далелҳои мушаххас ва тавсияҳои илмию амалии коркардшуда тасдиқ шудаанд;
- ***усулҳои муосири*** ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот зимни тартибдиҳии ҷадвалҳо, расмҳо, диаграммаҳо ва таҳлилу арзёбии онҳо баҳри коркарди тавсияҳои илмию амалии баландбардоштани танзими давлатии бозори меҳнат истифода шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:**

Кори диссертатсионӣ натиҷаи кори мустақилонаи илмии муаллиф буда, мукаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар кори диссертатсионӣ таҳия ва асоснокшуда, аз ҷониби муаллиф дар асоси гузаронидани таҳқиқи асосҳои назариявӣ, амалӣ ва методологии бозори меҳнат анҷом дода шудаанд. Қисми таҳлилии диссертатсия дар асоси коркарди маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин, таҳқиқи мустақилонаи муаллиф дар бозори меҳнат гузаронидашуда ба анҷом расидааст.

- мукаррароту хулосаҳо ва нуктаҳои муҳими диссертатсия дар конференсияҳо ва семинарҳои ҷумҳуриявию байналмилалии Донишгоҳи байналмилалии саёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, инчунин дар конференсияҳои байналмилалии берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ баррасӣ ва тасдиқ шудаанд.

- мукаррароти ҷудогонаи натиҷаҳои таҳқиқот аз ҷониби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, дар фаъолияти Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Хатлон ва ноҳияҳои ҷудогонаи он, Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда шуданд ва тасдиқ гардиданд. (Санади татбиқ аз 26.09.2024с №3-1402). Инчунин, маводи диссертатсия дар раванди таълим дар Донишгоҳи байналмилалии саёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон истифода шудаанд (Санади татбиқ аз 20. 08. 2024с. №02/45).

- мукаррароти асосии диссертатсия 51 кори илмӣ, аз он ҷумла 3 монография ва 23 мақолаи илмӣ дар маҷалаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр гардидааст.

- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конфронсҳои илмию амалии, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввари Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тулӣ солҳои 2015-2024 баргузор гардидаанд, аз ҷониби муаллиф ба тариқи маърӯза баён гардидаанд.

Дар ҷаласи шурои диссертатсионии 6D. КОА – 004 аз санаи 20.09.2025 қарори сазовар донистани Одиназода Комрон Саидаброр бо дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштироки доштанд, аз ҷумла докторони илм 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 15 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба шуро шомил ҳастанд 14 нафари бо ҳуқуқи овоздиҳӣ чунин овоз доданд: тарафдор 14 нафар, муқобил нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Усманова Т.Ҷ.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Гулов Ш.М.

20.09.2025